**Нусха**

аз қарори № 4 –и маҷлиси васеи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 18. 04. 2023 шаҳри Душанбе

**Иштирок доштанд**: Сатторзода А. - д.и.ф., и.в. мудири шуъба, Салимӣ Н.Ю.. - д.и.ф., узви пайвастаи АМИТ, сарходими илмии шуъба, Суфизода Ш.З. - д.и.ф., ходими пешбари илмии шуъба Юсуфов У.А. - д.и.ф., сарходими илмии шуъба, Муҳаммадиев Ш. - н.и.ф., ходими пешбари илмии шуъба, Маликова А.С. - н.и.ф. ходими пешбари илмии шуъба, Акбарзод М. - ходими калони илмии шуъба, Усмонова Г. - ходими илмии шуъба, Шарифова Н. - лаборанти калони шуъба.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС**:

Баррасии диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “**Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он**” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раисикунанда доктори илмҳои филология, узви пайвастаи АМИТ Носирҷон Салимӣ дар бораи баррасии диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “**Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он**” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик. Довталаби дараҷаи илмӣ дар бораи мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маъруза намуд. Баъд аз суханронии унвонҷӯ суолу ҷавоб сурат гирифт.

**Баррасӣ:**

Сипас дар бораи кори диссертатсионӣ докторони илмҳои филология Юсуфов У., Суфизода Ш., Катторзода А., ходимони пешбари илмӣ н.и.ф. Маликова А., н.и.ф. Муҳаммадиев Ш., ходими калони илмӣ Акбарзод М. ва ходими илмӣ Усмонова Г. изҳори ақида карданд. Аз тарафи муқарризон барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кори илмӣ баъзе эроду тавсияҳо баён гардид. Дар умум кори диссертатсионии Манонзода Абубакр Манон мусбат арзёбӣ гардида, довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва диссертатсияи ӯ ба баррасии Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ пешниҳод карда шуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “**Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он**”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мукаммал ва баанҷомрасидаи илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи мухтасари кори таҳқиқотиро инъикос менамояд.
3. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ба мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мувофиқ мебошанд.
4. Баъди ислоҳи эроду пешниҳодҳои баёнгардида кори илмӣ барои баррасӣ бо иштироки муқарризони холис ба Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ пешниҳод карда шавад.
5. Оид ба мубрамии мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назариявию амалии диссертатсияи Манонзода А.М. ва натиҷагирию дастовардҳои ӯ хулосаи маҷлиси васеи шуъбаи таърихи адабиёти Институт дар муҳлати муайян пешниҳод карда шавад.

Раисикунанда: доктори илмҳои
филология, узви пайвастаи АМИТ Салимӣ Н.Ю.

Котиби илмӣ: номзади илмҳои
филология, ходими пешбари илмӣ Маликова А.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО